*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 50 (4790) | ДУШАНБЕ, 22 АПРЕЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ МУОСИРИ МАИШӢ, ХИЗМАТРАСОНӢ ВА САНОАТӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо талошҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷонибдории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз сиёсати бунёдкоронаи роҳбарияти олии мамлакат пойтахти кишвар шукуфон ва садҳо иншооти таъйиноти гуногун бунёд мегардад.**

Ба ифтихори Рӯзи пойтахт дар шаҳри Душанбе як қатор иншооти муосири маишӣ, хизматрасонӣ ва саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Аз ҷумла, 20 апрели соли 2024 нахуст Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансур ба ифтихори Рӯзи пойтахт бинои бисёрфунксионалӣ бо ҷойгиршавии меҳмонхонаи чорситорадори «Фирдавсӣ»-ро мавриди истифода қарор доданд.



Маҷмааи муосир аз 22 ошёна иборат буда, меҳмонхонаи чорситорадори «Фирдавсӣ» дар ошёнаҳои аз 13 то 22-юми бино ҷойгир шудааст ва дорои 103 ҳуҷраи хизматрасонӣ, аз ҷумла 33 люкс, 8 ним-люкс ва 62 стандартӣ, мебошад. Дар меҳмонхона имкон аст дар як вакт ба 200 меҳмон мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ хизмат расонда шавад.

Бо ифтитоҳи маҷмааи нави хизматрасонию сайёҳӣ ва фароғатӣ дар пойтахти мамлакат 250 ҷойи кории нав таъсис ёфтааст. Дар рафти бунёди иншоот бошад, зиёда аз 150 мутахассиси маҳаллӣ ба кор ҷалб шуда буд.

Иншооти муосир аз тарафи соҳибкорони ватанӣ Бахтиёр Саидов ва Ҳикматулло Муқимов дар ҳамкорӣ бо ширкати «Муқим-1» бунёд гардидааст.

Дар бино, ҳамчунин, марказҳои савдою хизматрасонӣ, фароғатию истироҳатӣ, маҷлисгоҳ бо 57 ҷойи нишаст, тарабхонаю ошхона, толори варзиш, ҳаммом ва дигар иншооти ёрирасон ҷойгир буда, барои воситаҳои нақлиёт таваққуфгоҳи зеризаминӣ низ бунёд ёфтааст. Дар болохонаи бино ҷойи нишасту истироҳати тобистона барои 150 нафар ташкил гардидааст. 58 ҳуҷраи корӣ дар ошёнаҳои аз 3 то 12-уми бино ҷойгир буда, тамоми шароит фароҳам мебошад.

Дар иншооти муосири маишию хизматрасонӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба наврасону ҷавонон маркази забономӯзӣ таъсис ёфтааст.

Ёдовар мешавем, ки 10 октябри соли 2019 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои оғози корҳои сохтмонӣ ба ин иншоот асос гузошта буданд.

Иншооти бошукӯҳ дар доираи тадбирҳои созандагию бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни фархундаи миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бунёд гардида, дар рӯзҳои таҷлили Рӯзи пойтахт мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорони ватанӣ барои бунёди маҷмааи муосири хизматрасонию фароғатӣ ва сайёҳӣ дар пойтахти мамлакат миннатдорӣ намуда, чунин ташаббусу иқдомҳоро дар раванди созандагию бунёдкорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои сокинон намунаи ибрат арзёбӣ карданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ШАҲРИ ДӮСТДОШТАНИЮ АРЗАНДАИ ИФТИХОР



### Паёми табрикии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе

**шаҳри Душанбе, 20 апрели соли 2024**

**Ҳамватанони азиз!**
**Сокинони саодатманди пойтахт!**

Шуморо ба муносибати Рӯзи пойтахти маҳбубамон шаҳри Душанбе, ки имсол ба 20 апрел рост меояд, самимона шодбош мегӯям.

Ин ҷашн, ба мисли худи пойтахти зебою дилорои мо, кулли сокинони кишварамонро сарҷамъу муттаҳид месозад. Имрӯз хурду калон Душанберо дӯст медорад, ба таърих, фарҳанг ва арзишҳои он арҷ мегузорад.

Пойтахти ҷавону рушдёбанда эътироф гардид. Муҳимтар аз ҳама, дар Душанбе барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла тиҷорату иқтисод, илму фарҳанг, роҳу коммуникатсия ва таъмини зиндагии шоистаи аҳолии он, шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки дар солҳои наздик шаҳри Душанбе ба яке аз марказҳои муҳими илмӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар минтақа табдил хоҳад ёфт.



Шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маркази сиёсӣ, илмию фарҳангии он муаррифгари шоистаи симо ва оинаи давлату миллати куҳанбунёди тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар давраи арзишманди ташаккулёбиаш пойтахти азизамон шаҳри Душанбе бо саҳмгузории наслҳои гузашта сохта шуда, ҳоло дар марҳилаи инкишофи бемайлон ва рушди бесобиқаи худ қарор дорад.

Бахусус, солҳои охир зери таваҷҷуҳ ва ҳидоятҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушду ободии пойтахт такони тоза ва илҳомбахш дода шуда, корҳои бузурги бунёдкорию созандагӣ амалӣ карда шуданд.

Бо шарофати дастгирии давлату Ҳукумат ва тавассути заҳматҳои сокинони ободпешаи Душанбешаҳр мо тавонистем, ки дар якчанд соли охир симои пойтахтро куллан дигар карда, онро ба яке аз пойтахтҳои муосири сатҳи ҷаҳонӣ мубаддал гардонем.

Маҳз, дар натиҷаи заҳмати содиқонаю ватандӯстонаи сокинони сарбаланди мамлакат шаҳри Душанбе дар байни пойтахтҳои давлатҳои дигар ҳамчун

Дар баробари дастовардҳои назаррас мо ҳанӯз дар миқёси пойтахт масъалаю мушкилоти ҳалталаб низ дорем, ки ҳамаи онҳоро худамон бо нерую зеҳни солим, иттиҳоду сарҷамъӣ ва меҳнати созандаю ободгарона бо шукргузорӣ аз суботу оромии Ватани озоду соҳибистиқлоламон ҳаллу фасл менамоем. Аз ин рӯ, ҳар як сокини пойтахтро даъват менамоям, ки дар иҷрои рисолати боз ҳам ободтару пешрафта, зебою гулпӯш ва сарсабзу хуррам гардонидан ва ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ кардани пойтахти азизамон шаҳри Душанбе сидқан талош варзанд.

Итминони комил дорам, ки сокинони бофарҳанги пойтахт минбаъд низ бо риояи маданияти баланди шаҳрдорӣ ва донишу маърифати волои инсонӣ намунаи беҳтарини шаҳрнишинро нишон медиҳанд, зеро Душанбе шаҳри мост, хонаи умеди мост, ки мо онро дӯст медорем, аз он ифтихор мекунем ва ба он эътимод дорем!

Ба шумо хушбахтӣ, саломатӣ ва умри дароз таманно карда, орзуи онро дорам, ки шаҳри Душанбе макони амалишавии ниятҳои хайри ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ гардад.

**Таҷлили Рӯзи пойтахт муборак, ҳамдиёрони азиз!**

**Ҳамовозӣ ба мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар**

## ИСЛОМ ЛИБОС НАОВАРДААСТ

**Таҳқиқот дар бахши либоси миллии қадимаи тоҷикон нишон медиҳад, ки сокинони кунунии Осиёи Марказӣ онро дар тан доранд. Як фарқияти либоси миллии тоҷикон аз халқҳои Аврупо доштани танбон - шалвор мебошад. Азбаски тоҷикон аввалин ромкунандаи асп дар ҳазораи чори пеш аз милод мебошанд, онҳо барои саворӣ танбонро ихтироъ карданд, ки панҷ ҳазор сол таърих дорад ва дигар халқҳо бо мурури замон онро аз мо қабул намудаанд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар дар бораи пӯшидани либоси миллӣ чунин таъкид карданд: «Ислом либос наовардааст ва ҳамаи миллатҳо ва қавму қабилаҳои ғайриарабӣ либоси миллии худро ба шартҳои исломӣ мутобиқ карданду халос.

Воқеият баёнгари он аст, ки ҳар миллат бинобар собиқаи фарҳанги худ дар либоспӯшӣ рафтору анъанаҳои худро дорад, ки арзишҳои моддию маънавии гузаштаи онро инъикос менамояд ва ҳар миллат аз рӯйи забон, фарҳанг ва шакли либоспӯшиаш шинохта мешавад. Модарону бонувони мо - тоҷикон низ тарзи хоси либосҳои миллии худро доштанд ва онро ба мо мерос гузоштаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо дар баробари зебогӣ, рангорангӣ меъёрҳои ахлоқию эътиқодии мардуми бостонии моро инъикос менамоянд».

Дар ҳақиқат, либос инъикосгари таъриху фарҳанг ва хусусияти этникии миллат мебошад. Мардуми ориётабор аз қадим зебопараст буданд ва либоси ба тан шинам мепӯшиданд. Бонувон либосҳоро бо тиллобарг оро медоданд, бо риштаҳои абрешимии ранга гулдӯзӣ менамуданд. Ба ин гуфтаҳо либосҳои аз гӯристони Тиллотеппаи Бохтари замони Кӯшониён ёфта гувоҳӣ медиҳанд. Муҳаққиқони ҳафриёт В. Сарианидӣ ва А. Ятсенко менависанд, ки либоси занон аз шалвор, куртачаи домандор, куртаи остиндарози то пушти по ва болопӯш - кандиз иборат буд. Кандиз болопӯши пешкушодаест, ки дар китф гирифта мешуд. Куртаҳо бо ороиши парпарии амудӣ ва каме уфуқӣ омода мешуданд. Ороиши гулдӯзии гирди гардан ва сари остинҳо, ҳамчунин, пӯшидани мӯзаи нӯлаш тобхӯрдаи ба пушт моил ва бенӯл маъмул буд.

Дар ноҳияи Фархор аз гӯристони деҳаи Иттифоқ бостоншинос Х. Муҳиддинов камзӯлчаи пахтагинеро кашф карда буд, ки дар пушти он бо торҳои симин (нуқра) дарахти ҳаёт ва дар шохи он паранда, ки паёмбари Худованд дониста мешуд, тасвир ёфтааст.



Либоси маликаи кӯшонӣ, асри I п.м. аз гӯристони Тиллотеппа



Либоси мардонаи замони Кӯшониён аз гӯристони Тиллотеппа

Дар бораи либоси мардона аз тасвирҳои барҷастаи Холчиёни дар Чағониён ҳафриётнамудаи бостоншиносони ӯзбек бо сарварии Г.А. Пугаченкова ва Тиллотеппа маълумоти дақиқ пайдо менамоем. Тасвирҳои шоҳзодаҳои кӯшонии аз гӯрҳои Тиллотеппа пайдогашта дар тан куртаи гардантанг, аз болояш камзӯли кӯтоҳи дарозостини пешкушод, шалвори парпарӣ ва мӯзаи нӯлдори тобхӯрда доранд. Либосҳои рӯпӯш бо тиллобарг ороиш дода мешуданд ва хеле зебо буданд. Дар тасвирҳои барҷастаи аз ёдгории Холчиён ёфта шоҳзодагон ду намуд камзӯл ба бар доранд. Якум, камзӯли кӯтоҳи пешкушод, дуюм камзӯли як гиребондор, яъне гиребон тарафи дасти рост ба чап бо тугма пайвастшуда, ки синаро мепӯшонд. Пироҳани занон куртаҳои замони элленӣ мебошанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



Тасвири барҷастаи шоҳзодагони кӯшонӣ аз девори қасри Холчиён бо либоси миллӣ

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ МУОСИРИ МАИШӢ, ХИЗМАТРАСОНӢ ВА САНОАТӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

(Идома аз саҳ. 1)

**20-уми апрели соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ифтихори Рӯзи пойтахт дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт меҳмонхонаи панҷситорадори «Кангурт Гранд Ҳотел»-ро мавриди истифодабарӣ қарор доданд.**



Биной хуштарҳу замонавӣ аз 9 ошёна иборат буда, бо сабку усули хоси меъморӣ бунёд ёфтааст ва мутобиқи талаботи муосир муҷаҳҳаз мебошад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки дар меҳмонхонаи нав 84 нафар сокини маҳаллӣ соҳиби кор мешаванд. Аксари коргарон дорои ихтисосҳои хизматрасонию меҳмондорӣ ва донандаи чанд забони хориҷӣ мебошанд. Сатҳи баланди донишу омодагии кормандон имконият медиҳад, ки ба мизоҷон хизмати баландсифат расонида шавад.

«Кангурт Гранд Ҳотел» дорои 98 ҳуҷра, аз ҷумла барои меҳмонони олимақом буда, имконият дорад дар як вақт 164 мизоҷро қабул намояд.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки дар баробари ҳуҷраҳои хоб дар меҳмонхонаи нав дигар имкониятҳои зарурӣ, аз ҷумла ҷойи гузаронидани чорабиниҳои гуногун, толори маҷлис бо 40 ҷойи нишаст ва тарабхонаи барҳаво бо 160 ҷой, низ сохта шудааст. Меҳмонхона дорои қаҳвахонаи муҷаҳҳазу замонавӣ буда, имконият дорад, ки дар як вақт ба 140 нафар хизмат расонад.

Дар меҳмонхона толори алоҳидаи варзиш муҷаҳҳаз бо дастгоҳҳои машқу тамрин бунёд карда шудааст. Имконияти фароҳамомада ба баланд гардидани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон мусоидат хоҳад кард.

Дар таҳхонаи иншооти мазкур «SPA-салон» ташкил гардида, дар дохили он ҳавзи шиноварӣ, ҳуҷраҳои алоҳида бо буғи тар ва хушк, ҷакузӣ ва дигар имконоти зарурӣ бунёд ёфтааст. Назорати ҳарорати оби ҳавз ва низоми полоиши он бо истифода аз дастгоҳҳои муосир дар чанд зина ба роҳ монда шудааст.

Дохили меҳмонхонаи «Кангурт Гранд Ҳотел» бо сабку услуби муосири меъморӣ оро ёфта, корҳои сохтмонии он бо ҷалби



мутахассисони ватанӣ ва бо истифода аз масолеҳи сохтмонии ширкатҳои дохилӣ анҷом ёфт. Бо завқу салиқаи баланд ва бо истифода аз санъати баланди меъморӣ оро ёфтани дохили бино, ҳуҷраҳои хоб, роҳраву макони қабули мизоҷон иншоотро зебою диданӣ намудааст.

Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани «Кангурт Гранд Ҳотел» ҳадяи арзишманд бахшида ба Рӯзи пойтахт буда, ин иншоот ба баланд гардидани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба сайёҳону меҳмонони шаҳри Душанбе мусоидат хоҳад кард.

Ёдовар мешавем, ки санги асос барои сохтмони меҳмонхонаи нуҳошёнаи «Кангурт Гранд Ҳотел»-ро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ гузошта буданд. Дар вақти бунёд кардани иншоот беш аз 100 нафар бинокори маҳаллӣ ба кор ҷалб гардид.

Меҳмонхонаи нуҳошёна аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат сохта шуда, номи беруни он низ бо сабки махсус ва талаботи меъмории шаҳрсозӣ зеб дода шудааст. Бунёди гулгашти зебо дар назди меҳмонхона ба ҳусни иншоот зебоии дигар зам намуда, хоса шомгоҳон, ин макон дилкашу назаррабо мегардад, зеро ҳудуди он бо чароғҳои ранга зинат ёфта, барои сайругашт ва истироҳати мизоҷон дар ҳавои тоза шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Зимни боздид ва шиносоӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, дастур доданд, ки сатҳу сифати хизматрасонӣ ба меҳмонон бо риояи меъёрҳои баланди соҳавӣ, одобу рафтор ва суннатҳои баланди меҳмондории миллӣ ба роҳ монда шавад.

**20-уми апрели соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ифтихори Рӯзи пойтахт дар маҳаллаи Навбаҳори ноҳияи Сино корхонаи бофандагии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пиллаи тоҷик»-ро ифтитоҳ намуданд.**

Дар корхона коркарди пилла то сатҳи ниҳоӣ ба роҳ монда шуда, аз абрешим атласу адраси аълосифат истеҳсол карда мешавад. Айни замон дар корхона ва парваришгоҳи он дар як баст 300 нафар бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Зимни муаррифии намунаи парвариши кирмак дар шароити анъанавӣ маълумот дода шуд, ки ҳадаф аз барқароркунии тутзор дар ҳама шаҳру ноҳияҳои кишвар рушду равнақи соҳа мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо дар ҳамкорӣ бо намояндагони бахши хусусӣ дар самти бунёду барқарорсозии корхонаҳои саноатӣ, фароҳам овардани имконият ҷиҳати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карданд.

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пиллаи тоҷик» аз коргоҳи хушккунии пилла, коркарди нах, коргоҳи бастубанд, озмоишгоҳ, коргоҳи чопӣ, бофандагӣ, коргоҳи наддофӣ, хушкашӯии матоъ, коргоҳи атласу адрас ва қолинбофии дастӣ иборат мебошад.

Дастгоҳу таҷҳизоти корхона аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва давлатҳои Аврупо ворид карда шудааст, ки барои истеҳсоли маҳсулоти босифату ҷавобгӯ ба талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулини дахлдорро барои истифодаи пурраи шароити табиию технологӣ, васеъ кардани имкониятҳои истеҳсолии корхона ва зиёд намудани шумораи кормандон вазифадор карданд.

Баъд аз ҷамъоварӣ пилла дар корхона хушк карда шуда, дар хати технологии абрешим ба навъҳо ҷудо ва ба ришта табдил дода мешавад. Иқтидори солонаи истеҳсоли абрешими наддофӣ зиёда аз 40 тонна ва истеҳсоли риштаи абрешим зиёда аз 60 тоннаро ташкил медиҳад. Абрешими омодашуда дар коргоҳи бофандагӣ ба матоъ табдил дода мешавад.

Иҷрои намунавии супоришҳои Роҳбари давлат дар доираи расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар имкон фароҳам овард, ки тавассути бунёду барқарорсозии иншооти саноатӣ афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот зиёд ва сокинони кишвар ҳар чӣ бештар дар соҳаи саноат ба кори доимӣ фаро гирифта шаванд.

Дастгоҳи чопӣ, ки технологияи он аз Италия ворид карда шудааст, дар ҷумҳурӣ аввалин мебошад ва тавассути ворид кардани нақш барои истеҳсоли маҳсулоти зебою дилкаш нигаронида шудааст. Технологияи нав имкон медиҳад, ки мувофиқ ба дархости мизоҷон нақш ба хотираи компютер ворид карда шавад ва тибқи фармоиш матоъ нақшбандӣ карда шавад.

Дар коргоҳи атласу адрас бо истифода аз 26 дастгоҳи бофандагӣ аз риштаи абрешим ва пахта ҳунармандон намудҳои гуногуни атласу адрасро омода мекунанд. Дар баробари истифода аз технологияи замонавӣ истеҳсоли атласу адрас бо мақсади идомаи анъанаи неки ниёгон дар самти истеҳсоли ин намуди матоъ, таъмини гуногунии истеҳсолот ва пешниҳоди маҳсулоти босифат ба таври дастӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, ҷавонон ба омӯзиш фаро гирифта шуда, нозукиҳои ҳунарро аз худ мекунанд ва сипас дар ҳамин ҷой ба кор таъмин мешаванд.

Инчунин, дар асоси таҷриба қолинбофии дастӣ низ бо истифода аз абрешим ба роҳ монда шудааст. Абрешими дарознахи аълосифат барои истеҳсоли матоъ ва боқимондаи он баҳри бофтани қолинҳои зебою ҷавобгӯ ба талаботи бозор истифода мешавад.

Дар ҳамон ҷо ба Сарвари давлат матоъҳои атлас, адрас, гирбишин, сатин, беқасаб ва дигар намуди матоъҳои дар корхона истеҳсолшаванда муаррифӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки минбаъд бонувон метавонанд ин намуди маҳсулоти босифати истеҳсоли ватаниро дастрас ва бо ифтихор аз тамаддуни гузаштаи омӯзандаи миллат ба бар намоянд.

Ҳамчун мероси ғайримоддии башарият пазируфта шудани «Кирмакпарварӣ ва истеҳсоли анъанавии абрешим барои бофандагӣ» собитгари таъриху тамаддуни омӯзанда ва дастовардҳои шоиста доштани миллати тоҷик дар истеҳсоли ин намуди маҳсулот мебошад.

Имрӯз ҳадафи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳёи анъанаҳои неки ниёгон рушди ҳунармандӣ ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои сокинони мамлакат равона карда шудааст.

Дар ҳамон ҷо, ҳамчунин, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, таомҳои миллӣ ва анвои гуногуни маҳсулоти нонӣ, аз қабили кулча, чаппотӣ ва таҳмол, баргузор гардид. Таваҷҷуҳи пайвастаи Роҳбари давлат, пешниҳоди имтиёзу сабукиҳо ба ҳунармандон ва эҳсоси баланди худшиносии мардум ба эҳё ва равнақи ҳунармандӣ дар Тоҷикистон мусоидат кардааст. Маҳз натиҷаи ҳамин аст, ки сайёҳон метавонанд намудҳои гуногуни армуғонро харидорӣ намоянд, ки ин дар баробари беҳшавии имкониятҳои иқтисодии ҳунармандон, ҳамзамон, ба муаррифии таъриху маънавиёти омӯзандаи миллат мусоидат менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба натиҷаи фаъолияти ҳунармандону соҳибкорон дар самти афзоиши истеҳсоли атласу адрас, офаридани намудҳои гуногуни армуғон ва рушди ҳунармандӣ баҳои баланд дода, истифодаи ҳар чӣ бештари имтиёзҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати кишвар ва афзун кардани дастовардҳоро зарур донистанд.

Ҳамчунин, маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноати сабуки шаҳри Душанбе муаррифӣ карда шуд. Иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ имкон фароҳам овард, ки бо бунёду барқарорсозии корхонаҳои саноатӣ имкониятҳо барои рушди дучанди соҳа таъмин гардад.

Ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳои рушди кирмакпарварӣ аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пиллаи тоҷик» барои васеъ кардани майдон дар хоҷагиҳои деҳқонӣ давоми ду соли охир 2 миллион дона ниҳоли тут шинонида шудааст. Оянда ҳар сол ба миқдори 1 миллион дона ниҳоли тут шинонида мешавад.

Инчунин, дар паҳлуи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пиллаи тоҷик» дар масоҳати 30 гектар замин парваришгоҳи замонавӣ барои ниҳолҳои интенсивии мевадиҳанда бунёд карда шудааст.

Дар ҳамон ҷо Сарвари давлат бо нақшаи бунёди боғ, имкониятҳои технологӣ, таҷрибаи муосири боғдорӣ ва намунаи мевагиҳои дар оянда истеҳсолшаванда шинос шуданд. Ин ниҳоли дарахтон аз Аврупо ворид гардида, баъди мутобиқгардонӣ ба шароити иқлимии Тоҷикистон барои бунёди боғҳои интенсивии замонавӣ пешбинӣ карда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи боғпарваронро ба таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот, истифодаи пурраи имкониятҳои табиӣ бо назардошти дигаргуншавии иқлим ва афзоиши истеҳсоли меваи босифати ба содирот нигаронидашуда ҷалб намуданд.

Ниҳоли модарии себ, нок ва олу ба миқдори 300 ҳазор бех аз Италия ворид гардидааст. Парвариши ниҳоли мазкур мутобиқ ба талаботи технологӣ сурат гирифта, соли оянда аз инҳо ба миқдори 1 миллиону 800 ҳазор ва дар солҳои баъди то 2 миллион дона қаламча гирифта мешавад.

Дар як гектар боғи интенсивӣ 3600 ниҳол шинонида мешавад ва обёрии он бо ду усул, қатрагӣ ва боронвор ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин, ба ҳамин восита ниҳолон бо пошидани маҳлулҳои махсус аз сардӣ ва ҳашарот ҳимоя карда мешавад. Ҳосили мевагӣ аз ин боғҳо дар як мавсим то ба 65 тонна мерасад. Парвариш дар асоси таҷрибаи пешрафтаи ширкатҳои бонуфуз ба роҳ монда шудааст ва дар ҳамоҳангӣ бо намояндагони истеҳсолот дар Тоҷикистон табодули таҷриба карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор, вилоятҳо ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дастур доданд, ки бунёди боғҳои интенсивиро бо назардошти ба инобат гирифтани шароит ба роҳ монанд. Ҳамчунин, супориш дода шуд, ки дар парваришгоҳи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пиллаи тоҷик» барои гузаронидани таҷрибаҳои амалии донишҷӯёну олимон, аз худ кардани нозукиҳо ва ҳар чӣ бештар таҷрибаи пешқадами муосири боғдориро бо дарназардошти шароити кунунии иқлим васеъ ба роҳ мондан шароит фароҳам оварда шавад.

Дар ҳамин майдони васеъ парвариши тут ва пистаи маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад.

Умуман, давоми чор соли охир аз ҷониби ҶСК «Пиллаи тоҷик» дар заминҳои бекорхобидаи талу теппаҳои шаҳру ноҳияҳои мамлакат 4 миллион навниҳоли пистаи маҳаллӣ шинонида шудааст. Ҳоло 1 миллиону 200 ҳазор дона ниҳоли пистаи маҳаллӣ омода карда шудааст ва он шинонида мешавад.

Дар маҷмӯъ, иҷрои супоришҳои Пешвои миллат дар шаҳри Душанбе ва ба фаъолият оғоз кардани Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пиллаи тоҷик» дар Рӯзи пойтахт ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ то сатҳи ниҳоӣ, рушди соҳаи саноат, эҳёи анъанаи неки абрешимбофии ниёгон ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот мусоидат менамояд.

**www.prezident.tj**

# ДАР ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту дуюми апрели соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Инчунин, масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонзода З. Ф.» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Раҳмонзода З. Ф.» баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ИСЛОМ ЛИБОС НАОВАРДААСТ

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳамин тавр, бозёфтҳои археологӣ дар бораи сайри таърихии сарулибоси тоҷикон аз асри биринҷӣ то асрҳои миёна ва замони исломӣ тавассути миниатюраҳо то асри XVIII маълумот медиҳанд.

Имрӯз дар матбуот, радио ва телевизион дар бораи либоси миллӣ пӯшидани занҳо бештар ташвиқот мебаранд, аммо дар бораи либоси мардон сухане намегӯянд. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки куртаҳои имрӯзии занҳои аврупоӣ, аз ҷумла куртаҳои этнографии занҳои рус, аз қабили куртаи шабхоб, куртаҳои кӯтоҳдоман (юбка), дар миёни мардуми мо аз замонҳои қадим то омадани ислом дар истифода буданд. Либосҳо тарҳи бадани одамон, махсусан занҳоро инъикос менамуданд. Дар замони қадим на танҳо занҳои аврупоӣ, балки мардони онҳо низ шалвор надоштанд. Масалан, лашкари Искандар ва римиҳо бе танбон, яъне бе шалвор буданд ва шояд шалворро аз мо дар асри миёна қабул карда бошанд. Бинобар ин, пӯшидани либосҳои аврупоӣ аз ҷониби духтарони тоҷик ҷои тааҷҷуб ва маънии риоя накардани таомули миллиро надорад. Дар гузашта ниёгони мо ҳамин гуна мепӯшиданд ва куртаҳои кушоди қанормонанд маҳсули тахайюли таассубгароии исломӣ аст, на ислом. Имрӯз духтарони тоҷик бо ин куртаҳо мерақсанд, ки ҳеҷ зеб надоранд. Онҳо бо ҳукми таассубгароии исломӣ дӯхта шудаанд, ки тарҳи бадани занҳоро аз чашми мардони бегона пинҳон намоянд.



Намудҳои тартиби мӯйи занон дар замони Кӯшониён

Рақсидан бо чунин курта иштибоҳ аст. Рақс зебоӣ ва мавзуниро металабад.

Пӯшидани куртаҳо бо нақшҳои гулдӯзӣ ва чакан аз асри биринҷӣ то кунун идома дорад, зеро табиати мо рангоранг аст ва тарзи либоспӯшии одамон маҳсули табиат, муҳити ба воя расидаашон мебошад. Аз ин ҷост, ки мехоҳанд либосашон инъикоси табиати муҳиташон бошад. Аз ҳамин лиҳоз, мардуми мо матои сафедро бо риштаҳои рангоранг гулдӯзӣ менамоянд.

Имрӯз аксарияти мардон костюми дӯхти аврупоиро дар бар доранд, ки барои мо бегона нест. Костюми аврупоӣ ҳамон камзӯли тоҷикӣ мебошад, фақат аврупоиён гиребонҳои ба ду тараф чаппамешударо илова кардаанд. Палто ва плаш низ ҳамон камзӯли дароз ва яктаи болопӯши тоҷикӣ аст.

Дар гузашта дар оро додани мӯй низ бонувони тоҷик ҳамто надоштанд. Бозёфтҳои археологӣ нишон медиҳанд, ки танҳо дар Хутани замони Кӯшониён ва Ҳайтолиён 40 намуди ороиши мӯй вуҷуд дошт.

Ҳамин тавр, аз факту далелҳои таърихӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки миллати тоҷик фарҳанги либоспӯшӣ, аз ҷумла либоси миллии худро дошт. Бо зуҳури ислом пайравони ин дин либосҳои миллии худро бо назардошти унсурҳои динию мазҳабӣ такмил дода мувофиқ гардониданд, вале тарҳҳои анъанавии миллӣ дар либоспӯшӣ ҳифз гардид.

Сатру ҳиҷоб ва либосҳои имрӯзаи ба ном «мусалмонон» бошад, танҳо натиҷаи тахайюли мутаассибону ифротгароён аст, ки аз номи ислом эҷод кардаанд. Дар асл, дини ислом либоси хосаро тавсия надодааст. «Либоси хосаи исломӣ» танҳо офаридаи мутаассибону хурофотпарастон ва омили рушди тиҷорати соҳибкорону тоҷирони фаромиллӣ аст.

Бинобар ин, агар ҳар миллате, ки ба либоси миллиаш афзалият диҳад ва онро ба бар намояд, арзишҳои миллӣ, динӣ, эътиқодӣ ва мазҳабиаш низ ҳифз мешаванд ва дар баробари ин, ба чунин арзишҳои муқаддас эҳтироми махсус маҳсуб мегардад. Дар акси ҳол, мусоидат ба кори соҳибкорону тоҷирони муфтхӯр дониста мешавад.

**Ю. ЯҚУБОВ, доктори илми таърих, академик**

# ҒОЛИБОНИ НИММАРАФОНИ XIV БАЙНАЛМИЛАЛӢ КИҲОЯНД?

**20 - уми апрели соли равон бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе Ниммарафони XIV байналмилалӣ баргузор гардид. Тавре аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе иттилоъ доданд, мусобиқаи байналмилалии мазкур бо мақсади устувор намудани робитаҳо бо бародаршаҳрҳо ва шаҳрҳои бо шаҳри Душанбе ҳамкории судманди иқтисодиву иҷтимоидошта, дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарори марбутаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баргузор карда шуд.**



Иштирокчиёни чорабиниро муовини Раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода аз номи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ шодбош гуфта, зикр кард, ки Ниммарафони байналмилалии Душанбе нахустин мусобиқаи миллии кишвар мебошад, ки ба рӯйхати мусобиқоти Ассотсиатсияи байналмилалии марафонҳо ва давҳо ворид гардидааст.

Дар он варзишгарон аз кишварҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Эфиопия, инчунин, алоқамандону варзишгарони касбии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, аз қабили кормандони сафоратхонаҳо, намояндагиҳои дипломатӣ, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, ширкат варзиданд.

Варзишгароне, ки ҷойҳои 1-ум то 6-умро ишғол намуданд, дар алоҳидагӣ бо 38500 сомонӣ (3500$), 33500 сомонӣ (3000$), 27500 сомонӣ (2500$), 22000 сомонӣ (2000$), 19800 сомонӣ (1800$), 16500 сомонӣ (1500$) ва диплому ҷом қадрдонӣ шуданд.

Ниммарафони байналмилалии Душанбе соли чордаҳум аст, ки баҳри таҷлили шоистаи Рӯзи пойтахт гузаронида мешавад.

Миёни мардон Виталий Шафа (Украина), Отабек Тошқуватов, Нодирбек Матолибов (Ӯзбекистон), Рахимжан Калманов (Қазоқистон), Ойбек Маҳмадаминов (Ӯзбекистон), Юрий Чечун (Федератсияи Россия) ва аз байни занон Азизахон Мирзахбарова (Ӯзбекистон), Сергеева Виктория (Қазоқистон), Маҳинабону Комилова (Ӯзбекистон), Раҷабмоҳ Абдуллоева, Уляна Кузминова, Маҳина Боронова (Тоҷикистон) дар мусобиқа ғолиб гардиданд.

**«Садои мардум»**

# ЧУ ДИЛ ДАР СИНААМ ҶОЙ, ДУШАНБЕ

**Шаҳрҳо дар рушд ва тавсеаи тамаддун, фарҳанг ва бақои миллатҳо нақши бузург бозидаанд. Вақте давлатҳо ба вуҷуд меоянд, ҳокимият сохта мешаванд, ниёз ба марказҳое ба миён меояд, ки аз он ҷо мамлакатҳо идора карда мешаванд ва дар он фарҳанг, адабиёт, илм ва сохторҳои иҷтимоӣ шакл мегиранд, тавсеа меёбанд.**



Агар ба таърих назар андозем, то чӣ андоза муҳим будан ва нақши бузурги тамаддунофарӣ доштани пойтахтҳоро ба хубӣ мушоҳида менамоем: Шуш - пойтахти Эломиён, Ҳикматона - пойтахти Модҳо, Посоргод (Тахти Ҷамшед) - пойтахти Ҳахоманишиён, Силевкия - пойтахти Силевкиён, Нисо, Сад дарвоза ва Тайсафун - пойтахтҳои Ашкониён, Истахр ва Тайсафун - пойтахтҳои Сосониён, Балх - пойтахти Тоҳириён, Заранг - пойтахти Саффориён, Бухоро - пойтахти Сомониён, Рай ва Шероз - пойтахти Дайламиён, Ғазнин - пойтахти Ғазнавиён, Самарқанд ва Ҳирот - пойтахти Темуриён, Бухоро - пойтахти Манғитиён.

Шаҳрҳои зикршуда гаҳвораи тамаддуни мо ҳастанд. Дар ин шаҳрҳо фарҳанг, адабиёт ва илмро ниёгони мо такомул бахшида, ба авҷи аъло баровардаанд.

Ҳоло Душанбе пойтахти Тоҷикистон аст, шаҳре, ки дили кишвари мост. Дар ин шаҳр чеҳраи нави таъриху тамаддуни тоҷик шакл мегирад, рушд меёбад ва худро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад.

Миллатҳои мухталиф ба ин кор аз даврони қадим шуғл варзидаанд ва аз худ онҳоро дар ҳар шакле ба ёдгор гузоштаанд. Аммо сохтани шаҳрҳои мудерн аз солҳои 70-уми асри гузашта дар Ғарб оғоз меёбад ва таҳаввулоти азим дар санъати шаҳрсозӣ дар ҷаҳон ба миён меояд. Ин дигаргунӣ ба таври ҷиддӣ дар Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ ба вуҷуд омада, дар андак муддат дар санъати шаҳрсозӣ дигаргуниҳои азим рух дод.

Ҳар миллате, ки дар мамлакати хеш шаҳре месозад, хусусан агар он шаҳр пойтахти давлат бошад, ҳатман суннатҳо ва арзишҳои миллии худро ба назар мегирад. Аз ин назар шаҳри Душанбе барои ҳувиятсозии миллӣ нақши муҳим дорад. Муҷассамаҳои Куруши Кабир, Исмоили Сомонӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Садриддин Айнӣ зеҳнро ба таҳрик меоранд, хусусан, ба ва омилҳои дигар одам-роботҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки тарз ва шеваи зиндагиашон қудсияте надорад.

Ин хатар, пеш аз ҳама, ба шаҳрнишинон таҳдид мекунад, тафаккури онҳоро иваз месозад, зиндагии сабукборонаеро барояшон пешниҳод менамояд, ки боиси худбохтагӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки ҳувияти шаҳрӣ муҳим аст ва корҳои меъмории ҳар шаҳре, пеш аз ҳама, ба сокинону меҳмонанаш таъсир мерасонад.

Вақте ба кишварҳои гуногун сафар мекунем, мебинем, ки шаҳрҳои наву кӯҳна доранд, яъне як шаҳр бо симои муосир ва таърихиаш дар пеши назари мо пайдо мешавад. Мо аз вуҷуди наву кӯҳнаи он шаҳр дирӯзу имрӯзашро мебинем.

Шаҳри Душанбе дар ҷои деҳае сохта шудааст. Агар дар Душанбеи кӯҳан қалъае вуҷуд дошт ё дар даврони қадим шаҳре буд, дигар аз онҳо чизе боқӣ намондааст. Сохтмони шаҳри мо дар замони шуравӣ оғоз шуд ва дар даврони соҳибистиқлолӣ бозофариниаш вусъат ёфт бо шаклу услуби нав, тарҳу симои муосиру миллӣ. Мо шоҳиди он ҳастем, ки рӯз ба рӯз симои пойтахтамон иваз мешавад, ба худ чеҳраи комилан дигар мегирад.

Аслан яке аз ҳадафҳои бозофаринии шаҳрҳо ба вуҷуд овардани шароити беҳтари зиндагист. Барои ин корро фароҳам сохтан на танҳо биноҳо бояд ба талабот ҷавобгӯ бошанд, балки ҷодаҳо, хиёбонҳо, гулгашту боғҳо ва шароити кори мардум ба назар гирифта шаванд.

Дар бозофарии шаҳри Душанбе нишонаҳои таъриху фарҳанги миллии мо зинда нигоҳ дошта мешаванд. Дар саргаҳи пойтахт боғ ва мақбараи Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ, поинтар аз он маҷмааи «Истиқлол ва озодӣ», дар маркази шаҳр маҷмааи Исмоили Сомонӣ, Боғи устод Рӯдакӣ, боғи Куруши Кабир ва дар поини шаҳр Боғи фарҳангию фароғатии Абулқосим Фирдавсӣ бо муҷассамаи ин шоири тавоно бозгӯи чеҳраи фарҳангию миллии шаҳри Душанбе аст.

дунёи андешаи кӯдакону наврасон таъсир мерасонанд. Онҳоро ба шинохти таърихи миллаташон водор мекунанд.

Тамаддун, фарҳанг, адабиёт ҳамеша таъсирпазир будаанд. Дар баробари ҳамдигар муқовимат ҳам кардаанд ва гоҳе яке дигареро маҳв кардааст. Аммо фарҳангу адаби мо дар муқобили сели ҳаводис ҳамеша пойбарҷо монда, рисолати азалии хешро сомон додааст.

Тоҷики шаҳрсозу шаҳрнишин ҳувияти худро огоҳона нигоҳ медошт, ба суннат ва арзишҳои миллӣ арҷ мегузошт. Имрӯз дунё симои худро ба шиддат дигар мекунад, арзишҳое ҳам ранг мебозанд ва аз байн мераванд. Инсон худро аз табиат ҷудо месозад, бо замине, ки дар он зиндагӣ мекунад, бегона мешавад. Ин

Душанбе ҳоло шаҳри гулҳост. Дар баробари ин шаҳри дилҳо ҳам ҳаст. Шаҳре, ки сокинонаш барои шинохти ҳувияти хеш, асли худ, таъриху тамаддуни тоҷик талош меварзанд ва имрӯзи худро месозанду ба оянда бо нигоҳи тоза равонанд. Мисраъҳои зерини Боқӣ Раҳимзода дирӯзу имрӯз ва фардои шаҳри Душанберо хеле хуб ифода менамоянд:

**Аҷаб шаҳри дилоромӣ,**
**Душанбе,**
**Хаёлам, зеби дунёӣ,**
**Душанбе.**
**Шудам сарсабз**
**дар оғӯши меҳрат,**
**Чу дил дар синаам ҷой,**
**Душанбе.**

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОБУ ЗАМИН - ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

**Ҳамасола бо оғоз гардидани фасли баҳор ва мавсими обёрии заминҳои кишоварзӣ дар самти беҳдошти замин, бо об таъмин намудани заминҳои кишоварзӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо масъалаву мушкилоти нав ба миён меоянд. Ба хотири огоҳӣ пайдо кардан аз вазъ бо муовини директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Олим Сафарзода ҳамсуҳбат шудем.**



**- Яке аз роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат чун ҳадафҳои стратегӣ, истифодаи самараноки замин ва об маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад агентӣ дар мавсими нав кадом корҳоро ба анҷом расонд?**

- Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он баҳри иҷрои вазифаҳои худ, аз ҷумла таъмини истифодабарандагон бо оби полезӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин, аз худ намудани заминҳои нав, барқарорсозии замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва соҳилмустаҳкамкунӣ, корҳои муайянеро анҷом дода истодааст. Барои мисол, тоза намудани шабакаҳои обёрӣ дар масофаи 2724 ҳазор $м^3$ (95%), заҳбуру заҳкашҳо 1943 ҳазор $м^3$ (99%), таъмири иншооти гидротехникӣ 747 адад (96%), пойгоҳҳои обкашӣ 33 адад (72%), дастгоҳҳои обкашӣ 817 адад (95%), чоҳҳои амудӣ 97 адад (100%), зеристгоҳҳои барқӣ 180 адад (100%), трансформаторҳо 315 адад (99%), сулулҳо 1006 адад (95%) ва хатҳои барқӣ 102,7 км (100%) амалӣ гардид.

Соли ҷорӣ идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо бо 57367 истифодабарандаи об барои бо об таъмин намудани 478691 гектар шартнома ба имзо расониданд.

«Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027», «Барномаи сармоягузории бо таҷҳизоти муосири каммасрафи барқӣ таъмин намудани пойгоҳҳои обкашии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ба рушди соҳа таҳрик бахшиданд.

**- Агентӣ барои бартараф кардани оқибатҳои офати табиӣ чӣ корҳоро анҷом дод?**

- Тағйирёбии иқлим боиси офатҳои табиӣ - обхезӣ, ярч ва омадани сел шуда, ба хоҷагии халқ зарар мерасонад. Селу обхезиҳо қисми зиёди офатҳои табииро ташкил намуда, қариб ки дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ мушоҳида мешаванд. Дар натиҷа иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ, саддҳои муҳофизатӣ ва дигар иншооти обгардон осеб мебинанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷумҳурӣ 1386 км садди муҳофизатӣ ва 710 селпарто бо дарозии умумии 503 км мавҷуд мебошад.

Яке аз чораҳои асосӣ оид ба пешгирии ин раванд соҳилмустаҳкамкунӣ ба шумор меравад, ки барои ин ҳамасола маблағҳои зиёд зарур аст. Бо ин мақсад дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» қабул шудааст. Дар доираи барномаи мазкур соли ҷорӣ бо харҷи 969,6 ҳазор сомонӣ дар масофаи 2060 метр соҳилҳо мустаҳкам карда шудаанд.

**- Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «... тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад»... Вобаста ба ин дастур чӣ гуна тадбирандешӣ шуд?**

- Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2022, №90 «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» қабул гардидааст. Маблағи умумии он 563,1 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки 504,4 млн. сомонӣ сармояи хориҷӣ мебошад. Дар ин замина, соли 2022-юм 1445,69 гектар ва дар соли 2023-юм 480 гектар заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиши кишоварзӣ ворид шуд. Тибқи барнома, соли ҷорӣ бо харҷи 139,4 миллион сомонӣ азхудкунии 3410 гектар замини нав ва барқарорсозии 900 гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба нақша гирифта шудааст.

**- Яке аз вазифаҳои асосии агентӣ беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт чӣ корҳо анҷом дода шуд?**

- Тағйир ёфтани ҳолати мелиоративии заминҳо раванде ҳаст, ки пайваста дар ҷараён мебошад. Биноан, бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар доираи «Барномаи беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №374 тасдиқ гардидааст, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 48572 гектар замин бо харҷи 51103,0 ҳазор сомонӣ дар нақша буд. Ба шарофати татбиқи барнома солҳои 2019-2023 ҳолати мелиоративии 49393 гектар замин беҳтар карда шуд. Баъд аз анҷоми барномаи қаблӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2024 «Барномаи беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» қабул гардид, ки дар марҳилаи якум солҳои 2024-2026 бо сарфи 52218 ҳазор сомонӣ вазъи мелиоративии 43519 гектар замин беҳтар гардонида мешавад.

**- Барои суҳбат ташаккур.**

**Мусоҳиб Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

Таассуроти сафар

# ШИРКАТИ АЛЮМИНИЙИ ТОҶИК ИСТЕҲСОЛРО ЗИЁД МЕКУНАД

**ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар соли 2023 ва семоҳаи якуми соли 2024 ба хотири барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, азнавтаҷҳизонӣ, тармиму навсозии таҷҳизоти амалкунанда фаъолиятро идома дода, барои афзун намудани истеҳсоли алюминийи аввалия ва зиёд намудани маҳсулнокии электролизёрҳои амалкунанда тадбир андешида истодааст. Ин нуктаро масъулини ширкат 15-уми апрел ба рӯзноманигорон, ки бо сафари сайёҳӣ (пресс-тур) ба тамошои ин корхонаи азими саноатӣ омада буданд, зикр карданд.**

Шиносоии рӯзноманигорон бо фаъолияти заводи алюминий аз сехи рехтагарӣ оғоз ёфт. Тавре сардори сех Шодибек Хӯҷов иттилоъ дод, алюминий дар шакли моеъ тавассути миксерҳо ба ин ҷо интиқол ёфта, қолабрезӣ мешавад. Дар сехи мазкур зиёда аз 200 нафар кор мекунанд. Бино ба гуфти номбурда, имрӯз дар ширкат сабикаҳои хурд, шакл, сими алюминий, дастаҳои алюминий, варақаҳои алюминий ва сабикаҳои силиндршакл истеҳсол мешавад. Маҳсулоти истеҳсолшаванда дорои сифати баланди эътирофшуда ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазири А7, А5 А5е ва А0 мебошад.

Директор оид ба иқтисод ва ҳайати кормандони ширкати мазкур Павел Дик доир ба фаъолияти корхона иттилоъ дод. Бино ба гуфти ӯ, соли 2023-юм 77 электролизёр бо харҷи зиёда аз 105 миллион сомонӣ ба кор андохта, инчунин, барои корандозии 25 электролизёр мавод харидорӣ шудааст.

Маҳсулнокии миёнаи ҳар як электролизёр аз 975 то 1034 кг афзоиш ёфта, сифати алюминийи истеҳсолшаванда беҳ шуд. Агар дар соли 2022 асосан алюминийи навъи АВ97 истеҳсол мегардид, пас дар семоҳаи чоруми соли 2023-юм 100 дарсад алюминийи баландсифати навъҳои А7, А5 ва А0 истеҳсол шуд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки соли 2024-ум 96 электролизёр бо сарфи 146,2 миллион сомонӣ таҷдид шавад.

Дар ин давра истеҳсоли алюминийи аввалия дар соли 2023-юм 66 649 тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 4606 тонна зиёд мебошад.

ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар соли 2023 уҳдадории андозии худро иҷро карда, аз андоз қарз надорад. Гардиши савдои хориҷии ширкат дар соли 2023-юм 244,4 миллион доллари ИМА арзёбӣ гардид.

Бино ба гуфти Павел Дик, ширкат дар бобати истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи ба содирот нигаронидашуда самаранок фаъолият бурда, истеҳсоли онро тадриҷан зиёд мекунад.

Сехи маводи оташбардор ва сохтмонӣ фаъолияти пурмаҳсул дошта, маҳсулоти он ҳалқаи муҳими баргузории тармими мукаммали таҷҳизоти ҷамъият маҳсуб меёбад, ки қаблан аз хориҷи кишвар дастрас мешуд. Сехи мазкур хиштҳои оташбардори навъҳои ШБ, МКРА, мертели МШ-28, ВГ-50 ва ғайра истеҳсол менамояд.



- Ширкат дар семоҳаи якуми соли равон корхонаҳо ва истеъмолгарони дигари дохилиро бо 2883,5 тонна алюминий ба маблағи 70,4 миллион сомонӣ таъмин намуд, - зикр кард ӯ.

Бино ба иттилои масъулин, айни ҳол дар ширкат 4800 нафар кор мекунанд, ки музди меҳнати онҳо ба ҳисоби миёна 2583,29 сомониро ташкил медиҳад. Маоши кормандони баландихтисос 4000 сомонӣ аст.

Инчунин, рӯзноманигорон осорхонаи ширкатро тамошо карданд.

Қобили зикр аст, ки сохтмони корхона соли 1965 шурӯъ ва аввалин корпуси он марти соли 1975 ба кор даровarda шудааст. Иқтидори солонаи он истеҳсоли 517 ҳазор тонна алюминийи аввалия буда, яке аз корхонаҳои бузургтарини истеҳсоли арзиз дар ҷаҳон ба шумор меравад.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»,**
**Душанбе - Турсунзода - Душанбе**




# РӮЗҲОИ СИНАМОИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**16-уми апрели соли равон дар кинотеатри «Кохи Наврӯз» Рӯзҳои синамои Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт. Дар ин маросим ҳунармандон, масъулони соҳаи синамо ва коршиносони Тоҷикистону Ӯзбекистон иштирок намуданд.**

Директори Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» Маҳмадсаид Шоҳиён Рӯзҳои синамои Ӯзбекистон дар Тоҷикистонро натиҷаи дӯстии ҳар ду кишвар арзёбӣ кард. Аз ҷумла гуфт, ки муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба анъанаҳои дӯстию бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек асос ёфтааст, солҳои охир ба маҷрои нав ворид гардид, ки дар ин кор роҳбарони ҳар ду кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев саҳми бориз доранд. Ҳоло миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар бисёр самтҳо, аз ҷумла синамо, санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расидаанд, ки ба рушди синамои ҳар ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

Муовини раиси Агентии кинематографияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шӯҳрат Ризоев гуфт, ки дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек таърихи тӯлонӣ дорад ва ин дӯстӣ тавассути синамо боз ҳам устувор хоҳад шуд.

Рӯзҳои синамои ӯзбек то 19-уми апрели соли 2024 идома ёфта, тайи ин муддат филмҳои ҳунарии «Абдулло Орифов» (коргардон М. Эркинов), «Судя» (коргардон Д. Масаидов), «Таҳаввулот» (коргардон Е. Тӯйчиев) ва «Зинда бод, ҳамсар!» (коргардон М. Матчанов) дар кинотеатрҳои шаҳри Душанбе ва коху қасрҳои фарҳанги шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияи Варзоб манзури дӯстдорони олами синамо гардид.

**Ф. АБДУКАРИМ,**
**«Садои мардум»**

# 94 СОЛ БО МАРДУМ

**10-уми апрели соли равон аз таъсис ёфтани радиои «Тоҷикистон» 94 сол пур шуд. Ба ин муносибат ва ба хотири гиромидошти устодони каломи бадеъ, ровиёни дараҷаи олии радио, кормандони хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон Субҳон Раҳматов ва Бурҳон Раҳмонов бо ташаббуси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хонаи радио ҷамъомади илмӣ - фарҳангӣ доир гашт.**

Зикр шуд, ки 10-уми апрели соли 1930 дар таърихи журналистикаи тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Бори нахуст ҳамон рӯз садои радиои ватанӣ дар фазои Тоҷикистон танинандоз гардид. Тадриҷан радиои «Тоҷикистон» ба расонаи муҳими зиндагӣ табдил ёфт. Он дар худ ҳазорҳо гуфтору барномаҳо, қиссаву достон, тақдири инсонҳои шарифу худогоҳ ва савту навои рӯҳнавозро ғунҷонидааст.

Ҳозирин дар таҳияи барномаҳои ҷолиб ва рушди радиои «Тоҷикистон», тарбияи наттоқони ҷавон хидмати устодони соҳа Субҳон Раҳматов ва Бурҳон Раҳмоновро мондагор арзёбӣ намуданд. Ин устодон ба нутқи ҳамкорону шогирдон, услуби гӯиш ва тарзи қироати онҳо диққати махсус медоданд. Ифоданок, бо задаҳои мантиқӣ, равшан, бурро ва нишонрас талаффуз кардани ибораҳоро меомӯзониданд.

Раиси кумита Нуриддин Саид саҳми радиоро дар таъмини сулҳ, худшиносию худогоҳии мардум муҳим ва хизмати радиои «Тоҷикистон»-ро барои эмин нигоҳ доштани мардуми тоҷик дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ арзанда шумурд. «Он замон радио барои мардуми тоҷик хизмати барҷаста анҷом дод. Барномаи «Хоки Ватан» боиси аз ғурбат ба Ватан баргаштани садҳо гурезаҳои иҷбории тоҷик шуд», - афзуд ӯ.

Зинатулло Исмоилзода, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, иброз дошт, ки аввалин паёми соҳибистиқлолиро низ кормандони радио ба мардум расонданд: «Нахустин муроҷиати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мардумро ба бунёдкорӣ, ободии кишвар ва муттаҳид гардидан роҳнамоӣ мекард, маҳз тавассути радио ба мардум расонида шуд. Солҳои соҳибистиқлолии кишвар кормандони радио тавонистанд мардумро ҳам ба бунёдкорӣ раҳнамоӣ кунанд, ҳам дастовардҳои замони навро тарғибу ташвиқ».

Ҳоло ин расонаи муҳим дар баробари хабару гузоришҳо маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ», «Маснавихонӣ», «Озодазодагон», «Фарзонафарзандони ориёӣ», силсилаи хонишҳои адабӣ аз рӯи асарҳои Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ва «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, инчунин, ашъори ватандӯстонаи шоирон, нависандагону олимонро ба сомеъон мерасонад.

Дар доираи чорабинӣ, ҳамчунин, як қатор кормандони радио, устодони соҳаи журналистика ва онҳое, ки пайваста бо радио ҳамкорӣ менамоянд, бо нишони «Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон», сипосномаву ифтихорномаи кумита сарфароз шуданд.

**Ф. ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# КАДБОНУҲОИ ДУШАНБЕ - ҒОЛИБИ ОЗМУНИ «КАДБОНУИ БЕҲТАРИН»

**18-уми апрели соли 2024 дар Муассисаи давлатии «Боғи Ирам» даври ҷамъбастии Озмуни ҷумҳуриявии «Кадбонуи беҳтарин», ки бо ташаббуси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида буд, доир шуд. Дар озмун меҳмонон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ иштирок намуданд.**

Ҳадаф аз ин чорабинӣ эҳё ва рушди анъанаҳои миллӣ, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, омода намудани духтарон ба ҳаёти мустақилона, ҳифзи суннатҳои миллии ниёгон, баланд бардоштани завқи кадбонугӣ ва ҳунари дастархоноройи занон мебошад.

Дар фарҷоми чорабинӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ва раиси Кумитаи кор бо занон ва оила Бунафша Файзиддинзода ба ғолибони озмуни «Кадбонуи беҳтарин» сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ супориданд. Ҳамин тариқ, кадбонуҳои шаҳри Душанбе сазовори ҷои аввали озмун гардиданд.



**Фарҳунда АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 421488 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Иҷозатнома барои таъминоти барномаи iCCard ва бастаи барномаи таъминотӣ барои гурӯҳи компютер | Озмуни кушод | Мол | 2 | 29.04.2024 16:45:54 |
| 2 | 421474 | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оилаи занбӯри асал, қуттӣ, курпача, чорчӯба, мум, сим, хӯроквори, либоси махсус, зарфи асалгирӣ, дору | Озмуни кушод | Мол | 10 | 10.05.2024 15:10:00 |
| 3 | 421473 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №11-и ноҳияи Ёвон | Хӯроквори ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 10.05.2024 15:20:30 |
| 4 | 421475 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика» | Корҳои таъмирӣ, сохтмонӣ дар муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.05.2024 15:28:00 |
| 5 | 421476 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 7 | 10.05.2024 15:45:00 |
| 6 | 421478 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии ноҳияи Ёвон» | Сохтмони Маркази саломатии деҳаи Гулафшони Ҷамоати деҳоти Чоргул | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.05.2024 15:45:30 |
| 7 | 421477 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои донишкада | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.05.2024 16:00:00 |
| 8 | 421482 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи «НБО-и Роғун» | Сохтмони бинои «Маркази иттилоотӣ» дар маҳаллаи навбунёди Ҷамоати деҳоти «10-солагии Истиқлолият»-и шаҳри Турсунзода | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.05.2024 16:00:00 |
| 9 | 421481 | Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагию манзилии коммуналӣ»-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Сафолакпӯш намудани роҳрави кӯчаҳои З. Қаландаров ва С. Исоеви Ҷамоати шаҳраки Балхии ноҳия (ҳаҷм - 9,45 дар 100 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.05.2024 16:15:05 |
| 10 | 421490 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Мотопомпа, автомашинаи боркаш ва таҷҳизоти алафдаравӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 10.05.2024 17:02:34 |
| 11 | 421493 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Шуғнон | Сӯзишвории дизелии навъи L-62 | Озмуни кушод | Мол | 1 | 10.05.2024 17:20:00 |
| 12 | 421494 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва асбобҳои дастӣ | Озмуни кушод | Мол | 44 | 10.05.2024 18:50:00 |
| 13 | 421496 | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | Таъмири синфхонаҳои донишкада ва бинои хобгоҳ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 13.05.2024 08:35:00 |
| 14 | 421499 | Раёсати тандурустии вилояти Суғд | Плазма ва дигар ҷузъҳои хун | Озмуни кушод | Мол | 6 | 13.05.2024 09:09:09 |
| 15 | 421492 | Ҷамъияти саҳомии кушода «Барқи Тоҷик» | Таҷҳизоти ҳимояи релегӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 13.05.2024 09:57:32 |
| 16 | 421504 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони боистеъдод» дар шаҳри Бӯстон | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 13.05.2024 10:30:00 |
| 17 | 421505 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 13.05.2024 11:05:00 |
| 18 | 421506 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №80»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 13.05.2024 11:15:00 |
| 19 | 421507 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Либоси саҳнавии занонаи «Бадахшон» | Озмуни кушод | Мол | 1 | 13.05.2024 11:25:00 |
| 20 | 421495 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Лавозимоти мактабӣ, лавозимоти лабораторӣ, баннер, китоб, проектор, моноблок ва бозиҳои мактабӣ | Озмуни кушод | Мол | 424 | 13.05.2024 13:25:00 |
| 21 | 421513 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» дар Маҷитон | Молҳои нарм | Озмуни кушод | Мол | 1 | 13.05.2024 14:05:17 |
| 22 | 421512 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мизу курсӣ, ҷевону кат, маҷмӯи хобу ошхона ва диван барои иншооти «Сохтмони бинои истиқоматии хизматӣ дар шаҳри Истаравшан» | Озмуни кушод | Мол | 27 | 13.05.2024 14:15:00 |
| 23 | 421508 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои нарм ва ботинкаи соқбаланд | Озмуни кушод | Мол | 5 | 13.05.2024 14:20:36 |
| 24 | 421498 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 13.05.2024 15:00:00 |
| 25 | 421501 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории шуъбаи эҳёи Беморхонаи марказии ноҳияи Данғара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 13.05.2024 16:00:00 |
| 26 | 421487 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои нарм | Озмуни кушод | Мол | 8 | 13.05.2024 16:40:19 |
| 27 | 421509 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 13.05.2024 17:00:00 |
| 28 | 421510 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 14 | 13.05.2024 17:30:00 |
| 29 | 421480 | Дастгоҳи раиси ноҳияи Ховалинг | Таъмири асосии дохили бинои дастгоҳ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.05.2024 08:28:11 |
| 30 | 421500 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70-и ноҳияи Шоҳмансур | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.05.2024 10:28:16 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ (ПУТ)

**Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого потенциала в Таджикистане (ПРРД)**
**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**
**Закупка и распределение 1 500 медицинских сумок для врачей первично медико-санитарной помощи (ПМСП)**
**Номер НКТ: MOF/ECDP/RFB/024/002**

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане (ПРРД) и намерена использовать часть средств этого Гранта для осуществления платежей по Контракту Закупка и распределение 1500 медицинских сумок-укладок для врачей первично медико-санитарной помощи, номер пакета НКТ: MOF/ECDP/RFB/024/002

2. Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане настоящим приглашает правомочных и квалифицированных Участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно закупки и распределения 1500 медицинских сумок-укладок для врачей первично медико-санитарной помощи.

3. Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с Руководством Всемирного банка: Руководство по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года и августе 2018 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, не-консультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15, где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

4. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию в ГРП, E-mail: jobs.info@ecdp.tj и ознакомится с документацией для торгов по указанному ниже адресу: г. Душанбе, Таджикистан, ул. Шероз 35, почтовый индекс: 734025, тел: (+992 37) 2210691 с 8.00 до 17.00 часов.

5. Заинтересованные участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу:

**Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шероз 35, 7 этаж, здание Министерства финансов Республики Таджикистан, почтовый индекс: 734025, E-mail: jobs.info@ecdp.tj, тел: (+992 37) 2210691.**

Документация для торгов будет направлена по электронной почте в формате PDF.

6. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу:

**Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура 27 каб. №10 до 21 мая 2024 г., 15:00 по местному времени.**

Подача конкурсных предложений в электронном виде не допускается. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются. Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей участников торгов, которые пожелают присутствовать при вскрытии лично по адресу: **Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура №27, кабинет № 10, 21 мая 2024г. в 15:00 по местному времени.**

**Все конкурсные предложения должны сопровождаться залоговым обеспечением на сумму 272 393 сомони.**

# SPECIAL NOTICE OF SELECTION OF CONSULTANT

**Organization: State Entity Municipal Infrastructure Development Project Management Unit (MID PMU)**
**Project: Rural Water Supply and Sanitation Project, Republic of Tajikistan (RWSSP)**
**Position: Individual Consultant - Project Manager**
**Country: Republic of Tajikistan**
**Grant No.: D 4310-TJ**
**Contract No: RWSSP-CS-046-1**
**Issued on: April 22, 2024**

**1. OBJECTIVE**

The objective of this assignment is to assist the SUE KMK in establishing an overarching joint management framework and facilitate implementation of the «Rural Water Supply and Sanitation» project in Tajikistan. The project manager will play a pivotal role in coordinating and managing all aspects of the project, including planning and oversight of water supply and sanitation infrastructure investments, coordinating institutional capacity building activities with target water utilities, ensuring development of activities for maximizing benefit from investments in the post-construction period and acting as a key interlocutor between the project team, the SUE KMK and other stakeholders. The project manager will be responsible for ensuring effective collaboration with relevant stakeholders, overall project planning, procurement and budget planning, financial oversight, risk management, contract execution, and transparent reporting. This role demands a strategic approach, stakeholder engagement skills, and a commitment to achieving sustainable improvements in water supply and sanitation within the specified geographic areas. Additionally, the project manager will be entrusted with crisis management responsibilities, proactively identifying and addressing unforeseen and emerging challenges to ensure the compliance, continuity and resilience of project activities.

**2. QUALIFICATION REQUIREMENTS:**

i. higher education in the field of public administration, business administration, construction management, economics, engineering, or any other relevant field;

ii. Experience of over 10 years working in different roles on infrastructure projects with at least 5 years of experience in managing infrastructure projects involving contract management.

iii. at least 4 years of experience in managing investment projects financed by the International Financing Institutions, preferably World Bank, involving management of high-value international contracts.

iv. Working knowledge of procurement procedures, financial management, and project management of the World Bank and the Republic of Tajikistan or others

v. Fluency in Tajik, English, and Russian languages;

vi. Professional use of Ms Package, e.g. Word, Excel, and PowerPoint. Knowledge of project management and construction management software will be an advantage.

vii. Strong leadership and team management skills

viii. Track record of responsibility, honesty and integrity in handling public resources.

**3. APPLICANTS MUST PROVIDE THE FOLLOWING DOCUMENTS:**

- A signed and dated application in Russian, English or Tajik addressed to the Project Director, Mr. Saidvalizod A. In the subject line of the application, indicate the position for which the applicant is applying and a brief rationale for his/her qualifications for the position;
- Signed and dated resume in Russian, English or Tajik;
- A copy of the diploma, work record and other documents confirming the necessary qualifications;
- Copy of certificate and references, if any.

**Deadline for submitting documents – May 10, 2024.**

**Documents must be submitted in paper form or by email to the following address:**

**The Republic of Tajikistan**

**Dushanbe, st. N Karabaeva 56, 4th floors**

**Email: rwssp@midp.tj**

**Tel: (992372) 33-88-25; 33-13-30.**

**Based on the review of resumes, selected and shortlisted candidates will be informed of the results within 10 working days after the application deadline. Only selected candidates will be invited to an interview and (if an interview is scheduled) assessed.**

**Additional information can be obtained from the contacts above.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Исломов Фирдавсӣ Шамсуллоевич (РМА 056771996, РЯМ 0331407075) додааст, эътибор надорад.

✓Замимаи гумшудаи №107705 2007019 ба дипломи №107705 0510049, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон таҳти қайди 2022/204 санаи 29 - уми июни соли 2022 ба Ирданова Нозима Шухратжоновна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи №230/11 Б-24-и гумшуда дар бораи иштироки шарикӣ дар сохтмони бинои маъмурӣ – истиқоматии баландошёна, ки бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 29-31 ба Тағозода Хайрулло Ғайбулло додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи А №256508, ки онро МТМУ № 88-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1995 ба Маҳмадхоҷаева Малоҳат додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Лучоб, хонаи 29 ба Носиров Идибек додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи №0523205, ки онро МТМУ №95-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2018 ба Ҳақназаров Сино Муродалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи литери 2.1/с хонаи истиқоматӣ аз 1/2 ҳиссаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Шорс, бинои 2/1, қисми хонаи истиқоматии таҳти Литери 2/2/с аз 1/2 ҳиссаи хонаи истиқоматӣ ба Махкамова Тоҷихон Маматхалимовна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи №0825243, ки онро МТМУ №36-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2020 ба Ашуров Суҳайлӣ Ҳошимҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Яқубзода Меҳроҷи Ҷамолиддин додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи нафақаи гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Назаров Хуршед Пирмадович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи автомашинаи тамғаи «Хундай Элантра», рақами давлатиаш 0039 №Х 01, марбут ба Назаров Хуршед Пирмадович эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи ронандагӣ ва талони гумшуда, ки онҳоро ШБИ ШБД ВКД ҶТ ба Назаров Хуршед Пирмадович додааст, эътибор надоранд.

✓Иҷозатномаи гумшудаи таҳти № 002929, ки онро 20-уми октябри соли 2023 Хадамоти муҳоҷират, меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҶДММ «Тоҷикавтокараван» додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди 22603 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/13, хонаи 58 ба Липенин Виктор Николаевич додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0011117, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб 3-юми марти соли 2016 ҳамчун замини наздиҳавлигӣ барои истифодаи якумраи меросӣ ба сокини ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ Нуралиев Раҳмоналӣ додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 29-уми августи соли 2019 таҳти №9969 бо суроғаи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, деҳоти Яккатут, деҳаи Яккатут ба Ҷамоати деҳоти Яккатут додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №749466, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 66 (ҳоло литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе) 18-уми июли соли 1982 таҳти фармоиши №232 ба Ҳасанов Мардон Шоимович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Фаёз хизматрасон» (РЯМ 0210028766, РМА 020053910), ки Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 4-уми декабри соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифтааст, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи як лот, ки аз тарафи шарики рушд - «Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ», тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Беҳтаргардонии ҳифзи солимӣ дар Тоҷикистон»:**

**Лоти 1:** Таҷҳизот ва либосаи махсус (униформа) майка ва кулоҳ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони рақами 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ, муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охири пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: *то 2 майи соли 2024, соати $09^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 22 апрели соли 2024, соати 16:45 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35060 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97